Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ, дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферати унвонҷӯ Саидзода Муҳаббат Шералӣ нишон дод, ки Диссертатсия дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи хусусии институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ ва Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Консепсияи рушди оила дар ҶТ омода карда шуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсия, ба ҳалли проблемаҳои ҷойдоштаи илми ҳуқуқи гражданӣ равона шуда, зарур будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, масъалаи таълиму тарбияи кӯдакон аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мегардад ва қабул шудани қонунҳои миллӣ, аз қабили, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», дар ин самт шаҳодат медиҳад.

Муаллиф танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакро дар оила таҳлил намуда, оид ба масъалаҳои: 1) мафҳуми оила ва аҳамияти он дар тарбияи кӯдакон; 2) мафҳуми тарбияи кӯдакон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ; 3) таҳлили доираи амалӣ намудани ваколатҳои субъектони таълиму тарбияи кӯдакон; 4) масъалаҳо вобаста ба ошкор ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастори аз падару модар монда ва шаклҳои ҷобаҷокунии онҳо, таҳқиқот гузаронидааст. Дар ин замина нуктаҳои илмии тарбия, хусусиятҳои он, ҷараёни тарбия, раванди тарбия, табиати тарбия кушода дода шудааст.

Аз ҷониби унвонҷӯ мафҳуми оила аз назари назария ва таҷрибаи судӣ дода шуда, дар рисола зикр гардидааст, ки дар мафҳуми оила тарбияи кӯдакон яке аз масъалаҳои марказии оила мебошад ва бо мақсади омодагии касбии падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд зарур дониста, пешнҳод намудааст, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ ва мактабҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, маҳалҳои зисти онҳо ва марказҳои дастгирии оила «мактабҳои омӯзиши падару модарон» ташкил карда шаванд.

Пешниҳодҳои муфид бобати таълиму тарбияи дурусти кӯдакон шудааст, аз ҷумла, ворид намудани моддаҳои нав ба Кодекси оилаи ҶТ, аз қабили муқарраротӣ алоҳида дар бораи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дояро ба танзим дароранда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарбиякунандагони воқеӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон, асосҳои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба тарбияи воқеӣ, оилаи парастор, падару модари (мураббии) парастор, кӯдаконе, ки нисбати онҳо оилаи (мураббии) парастор таъин кардан, бо асосҳои аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намудани шахсе, ки бо "фоҳишагарӣ" машғул ва ғайра.

Инчунин, таклифҳо дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» доир ба салоҳияти мақоми давлатии ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ додани салоҳият оид ба ташкил ва пешбурди Махзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим, кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар қонунҳо, пешкаш гардидааст, ки ки амалӣ гардидани ин пешниҳодҳо ба манфиати кӯдакони бкпарастору ятиммонда буда, барои дар сатҳи зарурӣ ба таълиму тарбияи ноболиғон машғул шудани субъектҳои таълиму тарбия мусоидат менамоянд.

Сохтори рисола вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда буда, муқаддимаи он зарурияти таҳқиқи мавзӯи диссертатсия, Боби якуми диссертатсия, «Масоили назариявӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», зербоби аввали ин боб - «Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон», зербоби дуюми боби якум - «Мафҳум ва субъектҳои ҳуқуқ ба тарбия», зербоби сеюми боби якум "Ҷанбаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон", Боби дуюм, «Масоили ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакон дар оила», зербоби якуми ин боб ба масъалаи «Дастгирии давлатии оила ҳамчун шарти тарбияи кӯдакон» бахшида шудааст, зербоби дуюми боби дуюм «Ҷараёни тарбия дар оила ва асосноккунии он дар қонунгузорӣ», зербоби сеюми боби дуюм - «Мафҳум ва ҳадди татбиқи ҳуқуқи падару модарон ва шахсоне, ки дар тарбияи кӯдакон онҳоро иваз менамоянд», Боби сеюми рисола "Масоили ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакони бе

парастории падару модар монда”, зербоби якуми боби сеюм, ки “Муқарраротӣ умумии шаклҳои ҳуқуқии кӯдакони бе парастории падару модар монда”, зербоби дуюми боби сеюм “Намудҳои шаклҳои хуқуқии тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд”, номгузорӣ карда шуда, муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯи мазкур як зумра нуқтаҳои нави илмиро муайян ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи граждани ва қонунгузорӣ арзиши назариявӣ ва амалиро соҳибанд.

Дар хулосаи диссертатсия таклифу пешниҳодҳои характери назарявӣ ва амалидошта аз ҷумла, муаллиф асоснок кардааст, ки тарбия ин чораёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда буда, ба воситаи субъектҳои муайяни махсус амалӣ карда мешаванд, ки барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона нақши муҳим доранд. Ба ақидаи муаллиф, тарбияи кӯдакон хусусиятҳои махсуси худро доро буда, аз дигар намудани фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунанд ва ин ақидаҳои илмииашро дар рисолаи худ асоснок кардааст.

Муаллиф зимни истифодаи адабиётҳои гуногуни илмӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод низ, ки аз талаботи банди 18 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ба миён меояд, ишора намудааст.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози илмӣ асосноку санҷидашуда ва мантиқан дуруст буда, барои дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, аз қабили навиштани корҳои гуногуни илмӣ–таҳқиқотӣ дар шакли корҳои илмии мустақилонаи таҳсилгирандагони зинаҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳо ва барномаҳои таълимӣ  ва гайра истифода намудан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода М.Ш., ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии ба ҳадафи худ ноил гардида мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи муқарраргардидаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва

доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Чун қоида, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баъзе масъалаҳои аз лиҳози илмӣ баҳснок низ ба назар мерасанд, ки дар ҷараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия нисбати онҳо таваҷҷуҳ намудани унвонҷӯ лозим мебошад.

Унвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки "бэби-боксҳо дар ҶТ низ ташкил карда шаванд". Пешниҳоди мазкур айни замон бармаҳал буда, тавре худи муаллиф ҳам зикр намудааст, "тибқи анъанаҳои мусулмонӣ, агар зан бе никоҳи мусулмонӣ таваллуд кунад, он зан ҳамчун зани сабукрафтор эътироф гардида, дар ҷомеа обрӯ ва шарафи худро аз даст медиҳад". Дар ин ҳолат ташкили "бэби-боксҳо", бархилофи урфу одат, анъана, тарзи ҳаёту зиндагӣ ва муносибатҳои оиладории имрӯзаи мо, ки зиёдтар ба қонунҳои шариат вобастагӣ доранд, ба шумор меравад ва  чунин тарзи масъалагузорӣ ба андешаи мо якдараҷа имрӯз баҳснок низ мебошад. Албатта, эроди номбаршуда фақат аз ҷиҳати илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба арзиши таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир намерасонад ва дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиши алоҳида қарор гирифтанро соҳиб мебошад.

Саидзода М.Ш. **ба** масъалаи муҳими имрӯза, таълиму тарбияи кӯдакон аз назари ҳуқуқӣ, диссертатсияи мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия хуб инъикос гардидааст. Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ буда, ба он мувофиқ мебошад.Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода М.Ш дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои илми ҳуқуқи оила, дар даврони соҳибистиқлолӣ, ки таълиму тарбияи кӯдакон нақши муҳим дорад аз аҳамият холӣ набуда, дар он муқаррароти муҳими назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта, бобати ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти ҷойдошта таклифу пешниҳодҳои зарурии илмӣ зикр карда шудааст.

Тақризи мазкур дар доираи талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Саидзода Муҳаббат Шералӣ, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Раиси коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои граждании Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади**
**илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қодирзода Т.Қ.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**кӯчаи Неъмат Қарабоев 1.**
**E-mail:info@sud.tj Тел:+992 372 233 48 21**
**Факс: + 992 372 233 01 22**

**Имзои Қодирзода Т. Қ. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Додозода А.М.**

СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ